ТАВАККАЛ ЧОРИЕВ

# ЗАБОНИ МОДАРӢ




Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои 1-уми мактабҳои миёнаи таълими умумӣ

Нашри сеюм

*Вазорати таълими халқи Республикаи Ӯзбекистон тасдиқ намудааст*

ТОШКАНД — «O‘ZBEKISTON» — 2013

УЎК: 811.222.8(075)+372.881.1(075)
КБК 81.Тож-9
Ч-78

Муқарризон:

1. **Қаҳрамон Тӯқсанов** — устоди Донишгоҳи давлатии Бухоро, дотсент;

2. **Рӯзибой Қурбонов, Зебо Ҳамроқулова** — устодони кафедраи «Забонҳо ва адабиёти Шарқ»-и Донишкадаи омӯзгории вилояти Тошканд;

3. **Доно Шамсиддинова** — омӯзгори мактаби рақами 12-уми шаҳри Ангрени вилояти Тошканд;

4. **Дилноза Мирзоева** — омӯзгори мактаби рақами 20-уми ноҳияи Паркенти вилояти Тошканд;

5. **Абдураҳим Назаров, Комила Ёрова** — омӯзгорони мактаби миёнаи таълими умумии рақами 15-уми ноҳияи Паркенти вилояти Тошканд;

6. **Рухшона Абдулқодирова** — омӯзгори мактаби миёнаи таълими умумии рақами 17-уми шаҳри Ангрени вилояти Тошканд.

Аломатҳои шартӣ:

 — ба хотир нигоҳ доред.

 — машқҳои мантиқӣ.

 — фикратонро аз рӯи расм баён кунед.

 — ба саволҳо ҷавоб диҳед.

 — вазифаи хонагӣ.

**Аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ чоп шудааст. Бепул.**

ISBN 978-9943-01-062-8 © ХЭТН «O‘ZBEKISTON», 2011, 2012, 2013

# КОРБАСТИ ОВОЗ ВА ҲАРФ ДАР КАЛИМАҲО

## ДАРСИ 1.

## Талаффузи овоз ва ҳарфҳо

**Машқи 1.** Бо риояи талаффузи овозу ҳарфҳо шеърро равон ва бурро хонед.

### ЗАБОНИ МОДАРӢ

Ҳамсафари мо забон,
Болу пари мо забон.
Шаҳди шири модару,
Ҷавҳари фанҳо забон.

Ганҷинаи ҳикмат аст,
Ҳамраҳи ҷамъият аст.
Машъали фарҳангу ҳам,
Оинаи миллат аст.

Ному нишонам бувад,
Сулҳу амонам бувад.
Воситаи ваҳдату
Шаҳди даҳонам бувад.

*Озармеҳр*

**Саволҳо:**

1. Забони модариро чаро оинаи миллат мегӯянд?
2. Ватанамон чӣ ном дорад?
3. Калимаи **фарҳанг** аз чанд ҳарф ва овоз иборат?
4. Ватан ва забони модарӣ гуфта чиро мефаҳмед?

**Машқи 2.** Калимаҳои поёниро ба дафтар хушхат нависед.

Замин, хушҳаво, зебанда, ҷонфидо.

## ДАРСИ 2.

## Ҷобаҷогузории ҳарфҳо

**Машқи 3.** Ҳарфҳои калонро ба ҳарфҳои хурд табдил дода, чорто калима тартиб диҳед. Баъд аз он бо калимаҳои поёнӣ муқоиса кунед.

**Калимаҳо:** Зимистон, барф, хунук, синф, ҳаво.

**Машқи 4.** Аз ҳарфҳои бурида калимаҳои зоғ, ғоз бунёд кунед.

О Ғ З

**Машқи 5.** Ҳарфҳои пошхӯрдаро ҷобаҷо гузошта, ҷумлаи **«Ӯзбекистон ватани мо аст»**-ро тартиб диҳед.

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ӯ | Е | С | Н | Т | И | А |
| З | К | Т | В | А | М | С |
| Б | И | О | А | Н | О | Т |

**Машқи 6.** Дар вақти ба дафтар навиштани калимаҳои зерин ба ҷои нуқтаҳо ҳарфҳои мувофиқро ёфта гузоред.

Қал…м, хо… , б…м, ш…б, да…ахт, к…тоб, ра…м, ҷ…ма, му…ғ, м…ва.

**Ҳарфҳо барои истифода:** а, н, у, р, и, с, о, е.

Намуна: Қалам.

## ДАРСИ 3.

## Иҷрои машқҳои 7–10

Овозҳо бо ҳарфҳо навишта мешаванд.

**Машқи 7.** Калимаҳои нопурраро баробари гузоштани ҳарфҳо дар шакли пурра ба дафтар рӯбардор кунед.

...нор, ...ӯча, ...ел, ...еб, ...олӣ, ...ок, ...он, ...ола.

**Машқи 8.** Аз рӯи расм бо гузоштани ҳарфҳо номҳояшонро нависед.









**Номҳояшон:** дучарха (деписолев), ҳавопаймо (тёломас), қатора (дзеоп), чархбол (тёлотрев).

**Машқи 9.** Хонед ва гӯед, ки ҳарфи аввалини ҷумлаҳо пас аз нуқта дар кадом шакл навишта шудааст.

## Зимистон

Фасли зимистон фаро расид. Ҳаво хунук шуд. Мардум либосҳои ғафсу гарм дар бар карданд. Обҳои равони ҷӯйбор ях баст. Кӯҳу даштҳо барфпӯш гаштанд. Бобомурод чанаи навхаридаашро ба кӯча гирифта баромад. Мо бо ҳамроҳи ӯ дар рӯи барф ва ях чанасаворӣ кардем.



**Машқи 10.** Номи ашёҳои хонишро ба дафтар нависед. Ҳарфу овозҳояшонро муайян кунед.

Н а м у н а: китоб (панҷ овоз ва панҷ ҳарф).

## ДАРСИ 4.

## Дарёфти овозҳои мувофиқ



**Машқи 11.** Ба ҷои нуқтаҳо овоз ва ҳарфҳои мувофиқ гузошта, калимаҳоро дар шакли пурра ба дафтар нависед.

Му ... ча, ғу ... ча, саб ..., ма... са, ш ... лӣ

**Машқи 12.** Мувофиқи ном садои парранда-ҳоро муайян кунед.

| | |
|---|---|
| Гунҷишк | Хурӯс |
| Кабӯтар | Зоғ |
| Мусича | Мурғобӣ |

**Овозҳои хос:** чириққос мезанад, қур-қур мекунад, ку-ку мегӯяд, қу-қу гӯён ҷеғ мезанад, қар-қар мекунад, ғоқ-ғақ ме-гӯяд.



**Машқи 13.** Бо ҳарфҳои мувофиқ кали-маҳои нопурраи таркиби ҷумлаҳоро дар шакли пурра нависед.

## Яхмолакбозӣ

Рӯи ҳавзи маҳа...ла ях баст. Мо ба...д аз дарс ба он ҷо рафтем. Бо ҳамроҳи шарикдарсон ва д...стон я...молакбозӣ кардем.

**Овоз ва ҳарфҳо барои истифода:**
л, ъ, ӯ, х.



**Машқи 14.** Чистонҳоро хонед. Бо гузоштани ҳарфи мувофиқ ҷавобашро ёбед.





Дар тори бед,
Тухми сафед. (Ба ...ф)

Шаб пур бошад, нур резад,
Рӯз, ки шуд мегурезад. (Си...о...а)

## ДАРСИ 5.
## Иҷрои машқҳои 15—19



**Машқи 15.** Ба ҷои нуқта ҳарфу овозҳои даркориро нависед.

А... оба, д...ҳа, ша... р, с... рд, за...д, к...ча, боб... , ни...ол, па... та, а...р, ч...шм, н...н, с...б.

**Машқи 16.** Шеърро равон ва бурро хонед. Овозу ҳарфҳои калимаҳои бо ранги сиёҳ навишташударо муайян кунед.

### Омад зимистон

Омад **зимистон** —
**Айёми** сармо,

Густурд қолин
Аз барф ҳар ҷо.
**Чанасаворӣ,**
**Яхмолакбозӣ**
Овард бар мо —
Мо аз он розӣ.

*З. Воҳидӣ*

**Машқи 17.** Хонед ва гӯед, ки калимаҳои поёнӣ аз кадом ҳарфу овозҳо таркиб ёфтааст.

ХОН
ХОЛА
ХОНА
ХОЛ
ХОР
ДОН




ДОНА
ДОР
НОР
НОЛА
НОН
ЛОНА



**Машқи 18.** Калимаҳоро хонед, овозу ҳарфҳои ададашон баробару нобаробарро дар алоҳидагӣ нависед.

Хиёбон, боғбон, саёҳат, сайр, феврал, яхмолак, дӯстӣ, неъмат, анъана.

**Машқи 19.** Калимаҳои додашударо ба дафтар хушхат нависед.

Ватан, кишвар, маскан, манзил.

## ДАРСИ 6.
## Иҷрои машқҳои 20–22

**Машқи 20.** Аз поён ба боло хонда, номҳояшонро муайян кунед.



М
А
Ч
Р
А
П



Р
Т
А
Ч



Л
О
М
З
Р
А
Д

**Машқи 21.** Аз чанд ҳарф ва овоз иборат будани калимаҳоро гӯед.

Ширкат, деҳа, ҳаёт, зиндагӣ, осуда, фаровон, тилло, бисёр, гиря.

**Машқи 22.** Панҷто калимаи дилхоҳ нависед. Ҳарфу овозҳояшонро муайян кунед.

## ДАРСИ 7.

## Афзоиш ва ихтисоршавии ҳарфу овозҳо

**Машқи 23.** Муайян кунед ва гӯед, ки маънои калимаҳо бо афзоиш ва ихтисор гардидани кадом ҳарфу овозҳо дигаргун шудааст?

Аъло-ало, ака-акка, шеър-шер, суръат-сурат

**Машқи 24.** Ҳарфу овозҳои ихтисоршударо муайян кунед.

Чашма-чашм, дона-дон, хола-хол, мушт-муш, хатм-хат.

**Машқи 25.** Ба монанди мисолҳои машқи болоӣ калимаҳои дилхоҳ нависед.

**Машқи 26.** Фаслҳои солро аз рӯи расми дарахтон ба хотир оред. Дар кадом фасли



сол дарахтон дар ҳамин ҳолат ва намуд мешаванд?



**Машқи 27.** Панди бузургонро ба дафтар хушхат нависед. Калимаи аз ҷиҳати маъно бо як ҳарф фарқкунандаро муайян кунед.

Китоб — аз дониш
Дониш — аз хониш

Интизоми сахт — ба ҳама кор бахт.

## ДАРСИ 8.

## Иҷрои машқҳои 28–32



**Машқи 28.** Калимаҳои зеринро ҷуфт-ҷуфт хонед. Баъд аз он аз ҷиҳати талаффуз ва маъно фарқашонро гӯед?

бад — баъд
тана — таъна

шер — шеър
ало — аъло

**Машқи 29.** Матнро хонда, калимаҳои бо ранги сиёҳ навишташударо ба дафтар рӯбардор кунед. Аз чанд ҳарфу овоз иборат буданашонро гӯед.

## Моҳи январ

**Январ** моҳи **дуюми** фасли зимистон аст. **Соли нав** бо фарорасии ҳамин моҳ оғоз **меёбад.** Модаркалону **бобоён** ин моҳро **чилла, далв** ҳам **мегӯянд.** Деҳқонон дар ин моҳ заминҳои **побелу шудгоркардаро** аз об пур мекунанд. Хурду калон идҳои **Соли нав, Муҳофизони Ватанро шоду хуррам** пешвоз мегиранд. Таълимгирандагон дар ду ҳафтаи аввали ҳамин моҳ ба **таътил** баромада истироҳат мекунанд.

Дар охири ҳамин моҳ дар кишварҳои иқлимашон гарм **картошка, пиёз** кишт карда мешавад. Ниҳолҳои **мевадору бемева** шинондаву парвариш меёбанд.

Бачагон яхмолакбозӣ мекунанд. Кори коркунони соҳаи хизматрасонӣ бисёр мегардад.

**Машқи 30.** Чистонҳоро хонед ва ҷавобашро гӯед. Номи паррандагонро такроран талаффуз кунед.



Писарчаи камзӯлпӯш,
Ба ҳар дар сар мезанад.
Нонрезаҳоро чида,
Бангдонаро duздида,
Шабона ғайб мезанад.



Як табиби доно,
Эм кунад дарахтонро.

**Машқи 31.** Калимаҳои зеринро дуборӣ хонед: аввал тез, сонӣ оҳиста ва бурро.

| 1 | 2 | 3 |
|---|---|---|
| хурсанд | дастгоҳ | ҷаҳл |
| баланд | пасттар | қаҳр |
| каланд | дастгир | заҳр |
| омаданд | истгоҳ | шаҳр |
| фарзанд | ростгӯй | саҳл |

**Машқи 32.** Калимаҳое нависед, ки бо ихтисор ва иловаи ҳарфҳо аз ҳамдигар фарқ дошта бошанд.

## ДАРСИ 9.

## Иҷрои машқҳои 33–37

**Машқи 33.** Ба ҷои нуқтаҳо ҳарфҳои мувофиқро гузошта, калимаҳо бунёд кунед.

но..., хо..., ко..., гело..., бодо..., ро..., зо..., шамо...

**Машқи 34.** Бо талаффузи дурусти ҳарфу овозҳо калимаҳоро хонед.

Нақш, шакл, раҳм, қадр, пашм, базм.

**Машқи 35.** Калимаҳоро аз рост ба чап, сонӣ баръакс хонед. Мисли намуна якчанд калимаҳои дилхоҳ нависед.

Н а м у н а: Амон-нома, зоғ-ғоз, шир-риш.

**Машқи 36.** Матнро хонед, ҷумлаи дуюмро ба дафтар хушхат нависед.

## Барф

Рӯзҳои зимистон дашт барфпӯш мегардад. Барф барои дашту боғҳо фоидаовар аст. Гандумҳои дар фасли тирамоҳ киштҚардаи деҳқонон зери барф хуб нигоҳ дошта мешаванд. Замин аз обҳои барф сероб мегардад.

**Машқи 37.** Панҷто калима нависед, ки онҳо бо ҳарфу овоз илова гашта, аз ҳамдигар фарқ дошта бошанд.

## ДАРСИ 10.

## Алифбо дар рақамҳо

**Машқи 38.** Рақамҳои бо ҳарфҳо алоқамандро ба хотир нигоҳ доред. Ҳарфҳоро аз рӯи тартиби алифбо номбар кунед.

| Ҳарфҳо | Тартибу рақами ҳарфҳо | Ҳарфҳо | Тартибу рақами ҳарфҳо | Ҳарфҳо | Тартибу рақами ҳарфҳо |
|---|---|---|---|---|---|
| Аа | 1 | Йй | 13 | Ӯӯ | 25 |
| Бб | 2 | Кк | 14 | Фф | 26 |
| Вв | 3 | Ққ | 15 | Хх | 27 |
| Гг | 4 | Лл | 16 | Ҳҳ | 28 |
| Ғғ | 5 | Мм | 17 | Чч | 29 |
| Дд | 6 | Нн | 18 | Ҷҷ | 30 |
| Ее | 7 | Оо | 19 | Шш | 31 |
| Ёё | 8 | Пп | 20 | ъ | 32 |
| Жж | 9 | Рр | 21 | Ээ | 33 |
| Зз | 10 | Сс | 22 | Юю | 34 |
| Ии | 11 | Тт | 23 | Яя | 35 |
| ӣ | 12 | Уу | 24 | | |

**Машқи 39.** Чистонро хонед, ҷавобашро гӯед. Ба калимаҳо ҷудо карда, ҳарфҳояшонро бо рақамҳо ишора кунед.

Зард асту зардолу не,
Сафеду шафтолу не. (мхуТ)



**Машқи 40.** Мева ва сабзавотҳои бисёрдонаро муайян намуда, номашонро бо тартиби ҳарфҳои алифбо ба дафтар нависед.








**Машқи 41.** Тезгӯякро бо як нафасгирӣ тез ва бурро талаффуз кунед.

Ин тутча читу тутча,
Дар як ҳавлӣ ду тутча!

**Машқи 42.** Номи аҳли оилаатонро аз рӯи тартиби ҳарфҳои алифбо нависед.

## ДАРСИ 11.

## Иҷрои машқҳои 43–45

**Машқи 43.** Ба ҷои рақамҳо ҳарфҳоро гузошта, номҳояшонро нависед.

17, 19, 28



1, 2, 21





2, 19, 21, 19, 18



2, 1, 21, 26

**Машқи 44.** Ному насабатонро ба дафтар нависед. Баъд аз он ҳарфҳоро ба рақамҳо табдил диҳед.



**Машқи 45.** Тезгӯякро бо як нафасгирӣ тез ва бурро талаффуз кунед. Ҳарфҳои калимаҳоро ба рақамҳо табдил диҳед.

Шохи сада серсоя

## ДАРСИ 12.

## Иҷрои машқҳои 46–49

**Машқи 46.** Сухани пандомӯзро ба дафтар рӯбардор кунед. Баъд аз он ҳарфҳои таркиби калимаҳоро бо рақам ишора кунед.

Барои дӯст ҷонатро фидо кун

**Машқи 47.** Ададҳои аз 1 то 10-ро бо ҳарф нависед.



**Машқи 48.** Аз алифбои бо рақамҳои ишорашудаи саҳифаи 18 ҳарфҳоро гузошта, номи предметҳоро нависед.

20 1 27 23 1, 2 1 21 4,

23 1 27 23 1 29 19 21 17 1 5 10,

14 1 2 25 23 1 21, 1 18 4 24 21,



14 1 21 1 17,
22 1 23 11 16,
15 1 16 1 17,
14 11 23 19 2,
17 24 21 5 19 2 12,
19 26 23 19 2 20 1 21 1 22 23

**Машқи 49.** Аз алифбо ҳарфҳои танҳо шакли хурд доштаро муайян намуда, бо онҳо сетоӣ калима нависед.

# ДАРСИ 13.

## Табдилшавии ҳарфу овозҳо



**Машқи 50.** Ҳарфҳои ба ҷои ҳамдигар кор фармударо муайян кунед. Баъд аз он калимаҳое нависед, ки аз ҷиҳати маъно бо ҳарфи корфармуда аз ҳамдигар фарқ кунанд.

Барф-ҳарф, дил-фил, кино-бино, хона-шона.

**Машқи 51.** Ҳарф ва овозҳои табдилшударо номбар кунед. Фарқи калимаҳоро аз ҷиҳати маъно гӯед.

Раста-даста-хаста, даст-паст-шаст-ҷаст.



**Машқи 52.** Калимаҳои дилхоҳи бо як ҳарфу овоз аз ҳамдигар фарқкунанда нависед.

Н а м у н а: Анбӯр-занбӯр.

# ДАРСИ 14.

## Иҷрои машқҳои 53–55



**Машқи 53.** Ба ҷои нуқтаҳо ҳарфҳои мувофиқ гузошта, калимаҳои аз ҷиҳати маъно фарққунанда тартиб диҳед.

... аҳор, ... ар, ... ок, ... ода, ... агоҳӣ.

**Ҳарфҳо барои истифода:** б, н, п, х, т.

**Машқи 54.** Мисли намуна калимаҳои бо як ҳарфу овози аз ҳамдигар фарққунанда нависед.

Н а м у н а: зар-сар-бар-пар.



**Машқи 55.** Ҳамсадоҳои бар ивази ҳамдигар кор фармудашударо муайян кунед.

Боғ-доғ, салом-калом, тар-бар, тор-хор.

# ДАРСИ 15.

## Ҳарф ва овозҳои садонок



**а, о, у, ӯ, и, э** ҳарф ва овозҳои садонок мебошанд.

**Машқи 56.** Бо садоноки мобайнӣ калимаҳо тартиб диҳед. Баъд аз он калимаҳоро аз пеш ба қафо ва аз қафо ба пеш хонед.




**Машқи 57.** Садоноки **а**-ро дар аввал, мобайн ва охир кор фармуда, калимаҳо нависед.

**Машқи 58.** Калимаҳои зеринро ҷуфт-ҷуфт хонед. Баъд аз он ба дафтар нависед.

Роҳ-раҳ, моҳ-маҳ, коҳ-каҳ, даҳон-даҳан.

**Машқи 59.** Аз рӯи расм дар катакчаҳои холӣ номашонро нависед. Мавриди истеъмоли садоноки **о**-ро муайян кунед.



**Саволҳо:**

1. а, о, у, ӯ, и, э чӣ гуна ҳарфу овозҳоянд?
2. Ҳарф ва овозҳои садонок миқдоран чандто?

**Машқи 60.** Садоноки **о**-ро дар аввал, мобайн ва охир кор фармуда, шашто калима нависед.

## ДАРСИ 16.

## Иҷрои машқҳои 61–65

**Машқи 61.** Бо садоноки мобайнӣ калимаҳо тартиб диҳед.




**Машқи 62.** Калимаҳоро хонед ва аз ҷиҳати маъно фарқашонро гӯед.

Гул — гӯл, бӯр — бур, кӯш — куш, дӯш — душ

**Машқи 63.** Талаффуз ва навишти дурусти калимаҳоро муайян кунед.

Кӯҳ — куҳ, рӯз — руз, кабӯтар — кабутар, хӯрок — хурок, пӯшок — пушок, ҷӯй — ҷуй, ҷӯш — ҷуш.

**Машқи 64.** Дар байни калимаҳо садоноки **у**-ро гузошта, ба дафтар рӯбардор кунед.

Шод ... хуррам, об ... ҳаво, барф ... борон, хурд ... калон, нек ... бад, бол ... пар, шавқ ... ҳавас, кишт ... кор.

**Машқи 65.** Пеш ва пас аз ҳамсадоҳои шадда садоноки **а**-ро гузошта, калимаҳоро дар шакли пурра ба дафтар нависед.

| • | л | л | • |   | • | р | р | • |   | • | к | к | • |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|

## ДАРСИ 17.

## Иҷрои машқҳои 66–70

**Машқи 66.** Ба ҷои нуқтаҳо ҳарф ва овозҳои садонокро гузошта, калимаҳоро дар шакли пурра ба дафтар рӯбардор кунед.

Ш...на, ҷом..., х...рр...м, м...ъно,
м... мл... к... т, з... вқ, д...ст,
к...б... тар.

**Машқи 67.** Бо риояи талаффузи дурусти садоноки **э** калимаҳоро бо овозбарорӣ хонед.

Элак, элакбоф, элакфурӯш, эрод, эҳсос, эҳтиром, эҷод.

**Машқи 68.** Садоноки **и**-ро дар аввал, мобайн ва охир кор фармуда, калима нависед.

Н а м у н а: Кит, тимсоҳ, фил

**Машқи 69.** Чистонҳоро хонед ва ҷавобашонро аз рӯи расм гӯед. Садонокҳои дар номи паррандагон истеъмолёфтаро номбар кунед.



Шоҳ несту тоҷ дорад,
Савор нест, маҳмез дорад,
Соат несту ҳамаро бедор
мекунад.



Диққат диҳед бачаҳо,
Шабона дар бешазор
Посбонҳо ҳастанд.
Аз онҳо бештар,
Мушҳо метарсанд.

**Машқи 70.** Ҳарф ва овозҳои садонокро дар аввали калимаҳо кор фармуда, мисолҳо нависед.

## ДАРСИ 18.

## Ҳарф ва овозҳои ҳамсадо



**б, в, г, ғ, д, ж, з, й, к, қ, л, м, н, п, р, с, т, ф, х, ҳ, ч, ҷ, ш, ъ** ҳарф ва овозҳои ҳамсадоянд.

**Машқи 71.** Калимаҳоро хонед, ҳарфҳои ҳамсадоро бо гузоштани рақам муайян кунед.

Баланд, барзагов, бемор, бедор, паланг, палос, пайкар, парда, панҷа, парвоз, парчам.



**Машқи 72.** Ба талаффузи ҳамсадоҳои **к** ва **г** эътибор дода, калимаҳоро хонед. Маъно ва фарқияташонро гӯед.

Гулча — кулча, рубоб — кабоб, кам — ғам, харҷ — карҷ, наво — даво, гаҳ — каҳ.

**Машқи 73.** Ба катакчаҳои холӣ ҳамсадои ҳ-ро гузошта, порчаи шеъриро хонед.

□арфи □ҳалқа бар гӯш,
□ар дам расад ба □ар гӯш.
□ дар □исоби □ар кор,
□ар ла□за □аст даркор.
□ушат ба □арфи □ не□,
□усни хат мешавад бе□.

**Машқи 74.** Бо риояи талаффузи дурусти ҳамсадоҳо калимаҳои поёниро бо овозбарорӣ такроран хонед.

Бабр, ҷабр, сабр, чатр, сатр, нақш, чанг, чарх.

**Машқи 75.** Ҳарфҳои ҳамсадо ва садонокро аз рӯи тартиби ҳарфҳои алифбо дар алоҳидагӣ нависед.

## ДАРСИ 19.

## Ичрои машкҳои 76–79

**Машқи 76.** Бо ҳамсадоҳои аз ҳамдигар фарққунанда калимаҳо тартиб диҳед.




**Машқи 77.** Порчаҳои шеъриро бо риояи талаффузи дурусти ҳамсадоҳо хонед. Калимаҳои дар таркиб ду ҳарфи **р** доштаро ба дафтар рӯбардор кунед.

**Р** — ҳарфи зӯру бурруост,
**Р** гардад бо роҳаш рост.
**Р** гӯяд: — Росташро гӯй.
**Р**-ро бурро-бурро гӯй.
**Р**-ро гар бурро гӯӣ,
**Р**ақсида урра гӯӣ.

**Машқи 78.** Чистонро хонед ва ҷавобашро гӯед. Калимаҳои дуюм ва чорумро дар якҷоягӣ талаффуз кунед.

Осмон — ялаққӣ,
Замин — тараққӣ. (Каланд)



**Машқи 79.** Калимаҳоро ба дафтар нависед. Сонӣ ба зери овозу ҳарфҳои аз ҳамдигар фарққунанда хат кашед.

барф-ҳарф
хона-шона
хола-холӣ

хунук-тунук
бемор-бедор
ранг-санг

гарм-нарм
кӯза-кӯча
паст-шаст

# ДАРСИ 20.
## Иҷрои машқҳои 80–84

**Машқи 80.** Ҳамсадоҳои **д** ва **т**-ро дар аввал, мобайн ва охир кор фармуда, калимаҳо нависед.

**Машқи 81.** Бо интихоби ҳарф ва овозҳои садоноку ҳамсадо аз рӯи расм номҳояшонро нависед. Шеъри поёниро хонда, ба кадом ҳарф нисбат доштанашро гӯед.






С-ро садои хос аст,
С ҳарфи пурсу пос аст.
С-ро саломи гарм аст,
Савту суруди нарм аст.
С ҳамсадои дилхоҳ аст,
Сулҳу сарои дунёст.

**Машқи 82.** Бо эътибордиҳии талаффузи овоз ва ҳарф калимаҳоро бо овозбарорӣ хонед.

Эълон, эътибор, нафъ, нафънок, наъл, ваъда, фаъол, феъл.



**Машқи 83.** Ба ҷои нуқтаҳо ҳамсадоҳои нонавиштаро гузошта, порчаҳои шеъриро хонед. Гӯед, ки онҳо кадом ҳарфҳоянд.

... арфи думчадор аст,
... дар ило...и кор аст.
... ҳарфи ...овидон аст,
... аст, то ...аҳон аст.
... -ро ку...о макон аст?
... ояш ба пеши ..он аст.

... ҳарфи 10 монанд аст,
... аз миён пайванд аст.
... пайванди рӯ... мӯ,
... пайванди мо... ту.
... -ро донӣ, шав хурсанд,
... -сон бо ёрон пайванд.

**Машқи 84.** Панҷто калимае нависед, ки дар таркиб ҳамсадои **ъ** (айн) дошта бошад.

Намуна: санъат.

## ДАРСИ 21.
## Иҷрои машқҳои 85–89

**Машқи 85.** Ба ҷои ҳарфи аввалини калимаҳои **тор, мӯза** ҳарфҳои **м, к, р, ғ**-ро кор фармуда, калимаҳо тартиб диҳед. Аз ҷиҳати маъно фарқияташонро гӯед.

**Машқи 86.** Порчаҳои шеъриро бо риояи талаффузи дурусти ҳамсадои **ғ** хонед. Калимаҳои дар таркиб ҳарфи **ғ** доштаро ба дафтар рӯбардор кунед.

Ғ-дар миён камарбанд,
Ғ медиҳад маро панд.
Ғайрат кашад ба боғат,
Ғафлат диҳад ба доғат.
Ғ дар миёни мағз аст,
Ғ-ро бидон, ки нағз аст.

**Машқи 87.** Хонед ва фикратонро аз рӯи мазмун баён кунед.

Тарбияи ҷисмонӣ — бақои ҷавонӣ.

**Машқи 88.** Калимаҳои ҷуфти зеринро бо диққат хонед. Ҳарфу овозҳои фарққунанда-ашонро гӯед.

Шаб — гап, соз — дос, қад — қат.



**Машқи 89.** Фикр карда сето калима нависед, ки дар онҳо ҳамсадои **ҳ** ва садоноки **у** бошад. Боз се калимаи дигар нависед, ки дар онҳо садоноки **ӯ** бошад.

## ДАРСИ 22.

### Ҳиҷо



Ҳиссаи калима **ҳиҷо** ном дорад. Миқдори ҳиҷо ба миқдори садонокҳо баробар аст.

**Машқи 90.** Калимаҳои ба ҳиҷо ҷудошавандаю ҷудонашавандаро дар алоҳидагӣ нависед.

Дафтар, китоб, нон, об, мактаб, соф, дӯст, сурх, зард, дур, супориш, машқ.

**Машқи 91.** Бо ҷобаҷогузории ҳиҷоҳо калимаҳо тартиб диҳед.




**Машқи 92.** Мисли намуна калимаҳоро ба ҳиҷо ҷудо карда, нависед.

Кӯза, лола, фаррош, табассум, раққоса, эъзоз, нафъовар, наълбанд

Намуна: Лаб — ла — бу, пар — ран — да, лаъ — ли — ча.

**Савол:**

1. Ҳиссаи калимаро чӣ меноманд?
2. Миқдори ҳиҷоҳо ба миқдори кадом ҳарфҳо баробар аст?

**Машқи 93.** Даҳто калимаи фикркардаатонро ба ҳиҷоҳо ҷудо карда нависед.

## ДАРСИ 23.

## Иҷрои машқҳои 94–97

**Машқи 94.** Бо ҳиҷоҳои поёнӣ калимаҳо тартиб диҳед.

шо гул су ҳо хан та на

дон руд физ да мо

шамъ хон ран шо иш

**Машқи 95.** Калимаҳои зеринро ба ҳиҷоҳо ҷудо карда нависед.

Сухан, сӯҳбат, танаффус, таъзим, таъин, таъриф, хуррам, фаъолият, наългар.

**Машқи 96.** Шеъррo хонед, калимаҳои дар таркиб ҳарфи **қ** доштаро ба ҳиҷоҳо ҷудо карда нависед.



Қ-ро қалам ба даст аст,
Қ ҳарфи ҳақпараст аст.
Қ ҳаст лоиқи кор,
Қавлаш мувофиқи кор.
Қ-ро ҳақиқате ҳаст,
Қадреву қимате ҳаст.



**Машқи 97.** Панҷтоӣ калимаҳои дуҳиҷоӣ ва сеҳиҷоӣ нависед.

## ДАРСИ 24.

## Иҷрои машқҳои 98–101

**Машқи 98.** Калимаҳои поёниро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.

Олам, оғӯш, осуда, ором, борон, Комрон.

**Машқи 99.** Аз ҳиҷоҳои пароканда калимаҳо созед.

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| **па** | **рош** | **ту** | **боҳ** | **ге** |
| **гӯс** | **рӯ** | **фанд** | **ҳӣ** | **бе** |
| **фа** | **ланг** | **мо** | **до** | **лос** |
| **ҳай** | **та** | **нот** | **ме** | **на** |
| **рас** | **во** | **ни** | **ҳо** | **ва** |

**Машқи 100.** Порчаи шеъриро бо риояи талаффузи дурусти ҳамсадои **ф** хонед.

**Ф** ҳарфи фармонфармост,
**Ф**еълу хӯи Ф фаҳмост.
**Ф**-ду дасташ дар миён,
**Ф**ақат фармояд фармон.
**Ф** чун калиди тиллост.
**Ф**аҳмидани Ф авлост.



**Машқи 101.** Калимаҳоро ба дафтар рӯбардор карда, ба зери ҳамсадоҳои **в** ва **ф** хат кашед.

Вафо, вазифа, васф, воқиф, фаввора, хавф, кафш, ҷуворимакка.

# ДАРСИ 25.
## Иҷрои машқҳои 102–107

**Машқи 102.** Калимаҳои зеринро аз рӯи тартиби алифбо ба дафтар рӯбардор кунед.

Тут, ид, моҳ, офтоб, ҷасур, хабар, фарзанд, Аҳмад, пиёз, ҳалқа, гандум, чашма, элак, наҳанг, дору, жола, ёздаҳ.



**Машқи 103.** Бо рақамгузорӣ номи предметҳоро нависед.



•••



•••••

**Машқи 104.** Ба ҷои нуқта ҳарфи **и**-ро гузошта, калимаҳоро дар шакли пурра хонед.

… мсол, … мрӯз, д… рӯз, … мт …ҳон.

**Машқи 105.** Бо риояи талаффузи дурусти садоноки **у** калимаҳоро хонед.

Харбуза, тарбуз, хорпушт, булбул, мусича.



**Машқи 106.** Ба ҷои нуқта ҳарфҳои садоноку ҳамсадоҳоро гузошта, номи предметҳоро нависед.













**Машқи 107.** Ба ҷои нуқта дар байни садонокҳои **о** ва **у** ҳамсадоҳои **ҳ, л**-ро гузошта, калимаҳо тартиб диҳед.

Н а м у н а: оҳу, олу.

# КОРБАСТИ КАЛИМАҲО ДАР НУТҚ

## ДАРСИ 26.

### Калима



Калима ном, аломат, ҳаракат ва адади предметҳоро ифода мекунад.

**Машқи 108.** Хонед ва гӯед, ки калимаҳои поёнӣ номҳои чиро ифода мекунанд?

Мошоба, ширбиринҷ, шӯрбо, палав, угро, суманак.

**Машқи 109.** Калимаҳои ифодакунандаи номи гулҳо ба кадом саволҳо ҷавоб мешаванд? Кадоме аз онҳо ба ғайр аз номи гул номи духтараконро ифода мекунанд?

Лола, садбарг, савсан, райҳон, шому саҳар, бахмал, заъфарон, пудина.



**Машқи 110.** Предметҳо чӣ ном доранд ва барои чӣ хизмат мекунанд?



**Машқи 111.** Аз рӯи расм ном, таъм, маза ва шаклашонро нависед.



**Машқи 112.** Хонед ва ба саволҳо ҷавоб нависед.

1. Гули муждарасон, аввалин дарахти гулкунанда, паррандаи хабарнигори фасли баҳор чӣ ном доранд?

2. Паррандаи дар шифту болори хона лонагузор чӣ ном дорад?

**Калимаҳо барои истифода:** турна, бодом, бойчечак, фароштурук.

## ДАРСИ 27.
## Иҷрои машқҳои 113–117

**Машқи 113.** Ба кадом савол ҷавоб шудани калимаҳои ифодакунандаи номи дарахтони бемеваи дар зер навишташударо гӯед. Баъд аз он номҳои дарахтони мевадорро нависед.

Чинор, бед, сафедор, сада (гуҷум), арча, маҷнунбед.

**Машқи 114.** Аз бузург хурд созед.

Хона — … ча, гурба — … ча, санг — …ча, корд — …ча, шамъ — … ча, зард — … ча, сурх — … ча, сандуқ — … ча.



**Машқи 115.** Аз ҳарфҳои **а**, **д**, **н**, **о**, **у**, **р**, **ё** ҳафт калима созед.

Намуна: дон, доно.

**Машқи 116.** Матнро хонед, калимаҳои ифодакунандаи номи ғизои мурғи ҳилолро бо гузоштани саволҳо ба дафтар рӯбардор кунед.

## Мурғи ҳилол

Гул, шохчаву барг, дон, реша, пиёзак ғизои дӯстдоштаи мурғи ҳилол мебошад. Мурғи ҳилол дар зери сангпора, ковокии сангҳо лона месозад. Ранги сар, гарданаш хокистарранги тиратоб, нӯлаш нӯгкаҷи гулобӣ мешавад. Дар нишебиҳои кӯҳ хеле чобукона медавад. 5–6 дона тухми кабудчатоби холдор гузошта, дар давоми 20–22 рӯз чӯҷа мебарорад.



**Машқи 117.** Ба калимаҳои ифодакунандаи номи маҳсулоти қаннодӣ саволҳои мувофиқ гузошта, ба дафтар рӯбардор кунед.

Шакар, набот, қанд, ҳалво, нишалло.

# ДАРСИ 28.

## Номи одамон ва шахсҳо



Ному насаби одамон ва шахсҳо бо ҳарфи калон навишта мешавад.

**Машқи 118.** Номи сангҳои қимматбаҳо ва ҷирмҳои осмониро ба номи духтаракон табдил дода нависед. Сонӣ аз ҷиҳати навишт фарқашонро гӯед.

Садаф, зумрад, гавҳар, офтоб, ситора.



**Машқи 119.** Ҷумларо хонед ва бо нишондоди расм номҳояшонро гӯед.

Абӯалӣ ибни Сино, Амир Темур, Алишер Навоӣ донишманд ва бузургони кишварамон мебошанд.







**Машқи 120.** Хонед ва ба дафтар рӯбардор кунед.

Наврӯз, Сӯҳроб, Муҳаббат, Фирӯза, Убайд, Бону, Фаррух, Фирӯз, Фарҳод, Заррина, Зебо, Гуландом, Гулрӯ, Гулчеҳра, Раъно, Фарида, Камола.

**Машқи 121.** Матнро хонед, калимаҳои ифодакунандаи номи одамонро бо гузоштани саволҳо ба дафтар нависед.

## Моҳи феврал

Феврал яке аз моҳҳои кӯтоҳтарини сол мебошад. Он мисли дигар моҳҳо 30–31 рӯзро не, балки 28–29 рӯзро фаро мегирад. Ҳарорати ҳаво дар ин моҳ мисли моҳи январ паст мешавад. Бачаҳо бо яхмолакбозӣ, чанасаворӣ, хоккейбозӣ машғул мешаванд.

Ҷашнҳои зодрӯзи шоирони ширинкалом Алишер Навоӣ, Мирзо Бобур тантанавор гузаронида мешавад.

# ДАРСИ 29.
## Иҷрои машқҳои 122–125

Ба калимаҳои ифодакунандаи ному насаби одамон ва шахсҳо саволи **кӣ? киҳо?** гузошта мешавад.

**Машқи 122.** Калимаҳое нависед, ки саволҳояшон кӣ? киҳо? бошанд.

**Машқи 123.** Аз рӯи расм касбу ҳунарҳояшонро гуфта, саволҳои мувофиқ гузоред.



**Машқи 124.** Бо номгузорӣ ба одамон аз рӯи мазмуни расм ҷумлаҳо тартиб диҳед.



**Машқи 125.** Калимаҳои аввалиро ба ҷои нуқтаҳо кор фармуда, калимаҳои дигар созед.

Чашм — ...а
Моҳ — ... ӣ — ...ича
Анор — ... а — ...гул
Ватан — ...парвар — ... дӯст

Н а м у н а: Китоб — китобхон — китобхона.

# ДАРСИ 30.
## Номи кишвару масканҳо



Номи кишвару масканҳоро бо ҳарфи калон менависанд. Ба онҳо саволи **чӣ?** гузошта мешавад.

**Машқи 126.** Матнро хонед, калимаи ифодакунандаи номи кишварро муайян кунед.

### Ӯзбекистон — Ватани маҳбуби мо

Ватанамон Ӯзбекистон ном дорад. Дар он зиёда аз 120 намояндагони миллатҳо зиндагӣ мекунанд. Ватанамон мисли модар ба мо меҳрубону ғамхор аст. Мехоҳад, ки фарзандонаш доно, соҳибҳунар, ҷасуру тавоно шуда камол ёбанд. Шоду хуррам зиндагӣ кунанд.

**Машқи 127.** Хонед ва гӯед, ки кадоме аз калимаҳо номи шаҳрҳои кишварамонро ифода кардааст.

Бухоро, Хуршеда, Самарқанд, Гулрухсор, Неъмат, Рахш, Андиҷон, Намангон,

Фарзона, Фарғона, Навоӣ, Қашқадарё, Сирдарё, Ситорабону, Сурхондарё, Хоразм.



**Машқи 128.** Номи деҳаи худ ва гирду атрофи онро нависед.

## ДАРСИ 31.

## Номи ҳайвонҳо



Номи хоси ҳайвонҳо бо ҳарфи калон навишта, ба онҳо саволи **чӣ? чиҳо?** гузошта мешавад.

**Машқи 129.** Матнро хонед ва номҳои хоси ҳайвонҳоро муайян кунед.

### Бузаки Ҷингилапо

Рӯзе Саг аз пеши хонаи Бузаки Ҷингилапо мегузашт, овози Бузакро шунид. Бузак дари хонаашро тақ-тақ зада мегуфт:

— Алӯлакам, Булӯлакам, Хиштаки Сари Танӯракам, Токчапаракам, Мехчапаракам,

Болошинакам, Таҳшинакам дарро кушоед! Дар шохакам алаф, дар даҳонакам об, дар пистонакам шир овардам.

Бузичаҳо дарро кушоданд. Бузак ба хонааш даромад. *(Афсонаи халқӣ)*

**Машқи 130.** Калимаҳое нависед, ки номҳои хоси саг ва аспҳоро ифода карда бошанд.

**Машқи 131.** Харгӯшро ҳаракат кунонед, ки маҳсулоти дӯстдоштаашро ба чанголи рӯбоҳ наафтида, ба хонааш орад.



**Машқи 132.** Бо кӯмаки хоҳар ва бародарони калонсол номҳои хоси ҳайвонҳоро нависед.

# ДАРСИ 32.

## Иҷрои машқҳои 133–136

Ба предметҳои ҷондор саволи **кӣ? киҳо?** ва **чӣ? чиҳо?** гузошта мешавад.

**Машқи 133.** Аз рӯи расм номи паррандаву ҳайвонотро нависед. Ба кадом савол ҷавоб шудани номҳояшонро гӯед.



**Машқи 134.** Шеърро хонед. Номи ҳайвоноту ҷонварон ва ғизову маҳсулоти дӯстдоштаашонро номбар кунед.

## Баҳс

Дар рӯи олам
Хӯрдани бисёр.
Кадомаш ширин?
Ба ту чӣ даркор?
Ба мурғ — дона
Ба саг — устухон.
Ба барра — алаф.
Ба гурба — мушҷон.
Ба мурғобича —
Кирми лаби ҷӯ.
Моҳӣ
— ба наҳанг
Ин бегуфтугӯ.
Бо шӯру ғавғо
Гӯяд Калламуш:
— Аз ҳама ширин!
Дар дунё калӯш.

*Анвар Обидҷон*

**Машқи 135.** Бо чӣ кор машғул будани онҳоро гӯед.



**Машқи 136.** Аз рӯи расм ҷумлаҳо тартиб диҳед.

## ДАРСИ 33.

## Иҷрои машқҳои 137–141

**Машқи 137.** Муайян кунед ва гӯед, ки калимаҳои поёнӣ номи чиро ифода мекунанд.

Себ, олу, зардолу, шафтолу, нок, анор, хурмо.

**Машқи 138.** Аз рӯи расм номҳояшонро нависед. Сонӣ гӯед, ки кадоме аз онҳо беҷонанд.








**Машқи 139.** Кадоме аз калимаҳои ифодакунандаи боигариҳои рӯизаминӣ ба саволи **чӣ?** ва **чиҳо?** ҷавоб мешаванд?

Пахта, ғалла, пилла, меваҳо, сабзавот.

**Машқи 140.** Аз рӯи расм номи предметҳои ҷонноку беҷонро дар алоҳидагӣ нависед.






**Машқи 141.** Ба кадом савол ҷавоб шудани калимаҳои ифодакунандаи воситаҳои нақлиётро муайян кунед.

Киштӣ, самолёт, метро, троллейбус, трамвай, поезд, автомобил, автобус, таксӣ.

## ДАРСИ 34.

## Калимаҳои ифодакунандаи ҳаракати предмет

Калимаҳои ифодакунандаи ҳаракати предмет ба саволҳои **чӣ кор кард? чӣ кор мекунад?** ҷавоб мешавад.

**Машқи 142.** Шеърро хонед, калимаҳои ифодакунандаи ҳаракати предметҳоро муайян намуда, бо саволгузорӣ ба дафтар рӯбардор кунед.

## Тӯйча

Мӯрчабибӣ хона рӯфт,
Мӯрчабибӣ шолӣ кӯфт.
Мӯзачаи локӣ дӯхт,
Куртачаю тоқӣ дӯхт.
Сонӣ давид дарбадар,
Кард ба тӯяш хабар.
Меҳмонакон омаданд,
Хурду калон омаданд,
Кулчаи ҷав марҳамат!
Оши палав марҳамат!
Мӯрчабибӣ тӯйча кард,
Дар лабаки ҷӯйча кард.

*Наримон Боқизода*



**Машқи 143.** Ба ҷои нуқтаҳо калимаҳои ифодакунандаи шуғли одамонро гузошта, ҷумлаҳоро дар шакли пурра ба дафтар нависед.

1. Рассом расм ... . 2. Муаллим дарс ... . 3. Раққоса ... .

**Калимаҳо барои истифода:** мерақсад, мекашад, мегӯяд

**Машқи 144.** Порчаи шеърро хонед, калимаҳои ифодакунандаи ҳаракати предметҳоро муайян намуда, саволҳо гузоред.

Дар хона менишастам,
К-овози булбул омад.
Аз ҷой зуд ҷастам:
— Фасли хуши гул омад.

*Қурбон Муҳаммадӣ*

**Машқи 145.** Бо ҷобаҷогузории калимаҳо ба саволҳо ҷавоб нависед.

Ронанда **чӣ кор мекунад?**
Ронанда мошин ... .

Дӯзанда **чӣ кор мекунад?**
Дӯзанда либос ... .
Ҳофиз **чӣ кор мекунад?**
Ҳофиз суруд ... .
Шоир **чӣ кор мекунад?**
Шоир шеър ... .

**Калимаҳо барои истифода:** меронад, медӯзад, месарояд, менависад.

**Машқи 146.** Бо чӣ ва кадом навъи варзиш машғул буданашонро гӯед. Оё Шумо ҳам бо ягон намуди варзиш машғул мешавед?








**Машқи 147.** Шашто калимаи ифодакунандаи ҳаракати предмет нависед.

## ДАРСИ 35.

## Иҷрои машқҳои 148–152

**Машқи 148.** Аз ҳиҷоҳо калимаҳои ифодакунандаи ҳаракати предмет тартиб диҳед ва ба кадом савол ҷавоб шуданашонро гӯед.




**Машқи 149.** Матнро хонед, ба кадом савол ҷавоб шудани калимаҳои ифодакунандаи ҳаракату амалҳоро гӯед.

### Арғунчак

Наврӯз оғози фасли баҳор, айёми кишту кор аст. Наврӯзро бо шодию нишот пешвоз **мегиранд**. Ҳар навъ бозиҳо ташкил **мекунанд**. Дар рӯзҳои иди Наврӯз калонсолон барои духтарон дар шохҳои дарахтон арғунчак **мебанданд**.

Онҳо навбат ба навбат **мепаранд**. Агар дар вақти арғунчакпарӣ нағз ҳаво гиранду аз шохи дарахт нишонае гирифта, ба дугонаҳояшон диҳанд, паи ҳам ду навбат мепаранд. Арғунчакпарӣ сурудҳои худро дорад. (Аз «Тазкираи адабиёти бачагон»)

**Машқи 150.** Кадоме аз онҳо тез ва оҳиста ҳаракат мекунанд? Ҳаракатҳояшонро ба ҷои нуқта гузошта, ба дафтар рӯбардор кунед.

Оҳу ... — Хирс ... , Каждум ... — Сангпушт ... , Хавон ... — Кӯҳансол ... , Моҳӣ ... — Ғаввос (шиновар) ...

**Машқи 151.** Шеърро равон ва бурро хонед. Ба кадом савол ҷавоб шудани калимаҳои ифодакунандаи ҳаракати предметро гӯед.

## Турнақатор

Турнақатор меояд,
Арғамчинвор меояд.
Вақти баҳор меояд,
Мавсими кор меояд.
Дар мавсими баҳорон,

Дар домани кӯҳсорон.
Бисёр боло мепарад,
Ғазалсаро мепарад.
Турнақатор — арғамчин,
Болохонадор арғамчин.

*Шеъри халқӣ*

**Машқи 152.** Калимаҳои ифодакунандаи ҳаракати предметҳо нависед ва саволҳояшонро муайян кунед.

## ДАРСҲОИ 36–37.
## Иҷрои машқҳои 153–157

**Машқи 153.** Матнро хонед ва мазмунашро баён кунед. Калимаҳои ифодакунандаи ҳаракати предметҳоро бо саволгузорӣ ба дафтар рӯбардор кунед.

### Мӯрча ва гамбӯсак

Мӯрча дон мекофт. Ногоҳ чашмаш ба нонрезаи калон афтод. Ҳарчанд кӯшид нонрезаро ҷунбонида натавонист. Гамбӯсак омада монд. Вай ба дӯсташ ёрӣ

расонид. Онҳо якҷоя нонрезаро бардошта, ба хонаи мӯрча оварданд.

Рӯзе гамбӯсак аз назди хонаи мӯрча мегузашт. Дӯсташ вайро ба хонааш таклиф намуд ва меҳмондорӣ кард.

**Машқи 154.** Аз рӯи расмҳо амалу ҳаракат ва машғулияти иҷрокардаи писараконро гӯед.








**Машқи 155.** Хонед ва номи чанде аз паррандагонро номбар кунед.

## Паррандаҳо, биёед

Паррандаҳо, биёед
Пеши тирезаи мо!

Мунтазири шумоянд,
Нонҳои резаи мо.

Кабӯтарҳо, биншинед,
Донаҳоро бичинед.
Акнун ин мурғон серанд,
Меҳмони мо Далеранд.

*Абулқосим Лоҳутӣ*

**Машқи 156.** Матнро хонед ва аз рӯи мазмуни он саволҳо тартиб диҳед.

## Гули лола

Лоларо ҳама дӯст медоранд. Вай ороиш, назокати баҳор аст. Лола ҳамнишини бунафша, зебу ородиҳандаи дашту саҳро мебошад. Баҳорон халқ барои сайри лола ба лолазор мебароянд. Писарон ва духтарон лола мечинанд.



**Машқи 157.** Бо калимаҳои дилхоҳи ифодакунандаи ҳаракати предмет ҷумлаҳо тартиб диҳед.

## ДАРСИ 38.
## Иҷрои машқҳои 158–161

**Машқи 158.** Ба кадом саволҳо ҷавоб шудани калимаҳои поёниро муайян кунед.

Мехонад, менависад, рафт, гуфт, нишаст, дид, меравад, омад, сохт, тохт.



**Машқи 159.** Амал, ҳаракат ва машғулиятҳои шуғлварзидаашонро номбар кунед.









**Машқи 160.** Чистонҳоро хонед, ҷавобашро гӯед. Ба калимаҳои ифодакунандаи ҳаракати предмет саволҳои мувофиқ гузоред.

Мегардаду медавад,
Ба ҳеҷ ҷо намерасад
(Шамол)

Тофтем, бофтем,
Ба пушти кӯҳ партофтем
(Кокулу мӯ)

**Машқи 161.** Шеърро равон ва бурро хонед. Калимаҳои ифодакунандаи ҳаракати предметҳоро муайян намуда, ба дафтар рӯбардор кунед.

## Деворака кофтем

Деворака кофтем,
Сӯзанака ёфтем,
Сӯзанаки кӣ бошад?
— Сӯзанаки Назокат!
Назокатҷон — гули боғ
Зулфаконаш пари зоғ
Зулфаконаша бофтем,
Паси гӯш партофтем.

*Шеъри халқӣ*

# ДАРСИ 39.

## Калимаҳои ифодакунандаи аломати предмет



Калимаҳои ифодакунандаи аломати предметҳо ба саволҳои **чӣ хел? чӣ гуна?** ҷавоб мешаванд.

**Машқи 162.** Хонед ва гӯед, ки кадоме аз предметҳо паст асту кадоме баланд?

| чӣ хел? | | | |
|---|---|---|---|
| Бом | **Паст** | Осмон | **Баланд** |
| Хона | | Бино | |
| Регтӯда | | Кӯҳ | |
| Бодом | | Сафедор | |
| Асп | | Шутур | |
| Зинапоя | | Манора | |

**Машқи 163.** Рангҳоро бо ном ба дафтар нависед.



**Машқи 164.** Ранг ва аломатҳои ашёи хониш — бӯрро нависед.

## ДАРСИ 40.

### Иҷрои машқҳои 165–168

**Машқи 165.** Калимаҳои ифодакунандаи аломати предметро нависед, ки онҳо ҳаҷму шакли онро ифода карда бошанд.

Намуна: калон, хурд.

**Машқи 166.** Аз рӯи расм номҳояшонро гуфта, бо калимаҳои пас аз расм ба дафтар нависед.

 фиребгар

 вафодор

 азимҷусса

 хурдҷусса

 нотарс

 тарсончак

 кӯтоҳумр

 дарозумр

**Машқи 167.** Кадоме дарозу кадоме кӯтоҳ аст?

Занҷир, банди занҷир, қатора (поезд), ҳавопаймо (самолёт), ресмон, мӯй, мор, кирм.

**Машқи 168.** Панҷто калимаи ифодакунандаи аломатҳои предметро навишта, саволҳояшро муайян кунед.

# ДАРСИ 41.

## Иҷрои машқҳои 169–172

**Машқи 169.** Ном ва рангҳои аломаташонро номбар кунед.





**Машқи 170.** Калимаҳои аз ҷиҳати шакл, сохт ва ҳаҷм хурду калонро номбар кунед. Баъд аз он мисолҳо нависед.

| Хурд | ↔ | Калон |
|---|---|---|
| Дафтар | | Китоб |
| Пиёла | | Чойнак |
| Дар | | Дарвоза |
| Санг | | Харсанг |

**Машқи 171.** Хонед ва ба ҷои саволҳо калимаи мувофиқ гузошта, ҷумлаҳоро ба дафтар нависед.

1. Шаб торик мешавад.
   Рӯз **(чӣ хел?)** мешавад?
2. Шакар ширин мешавад.
   Дору **(чӣ хел?)** мешавад?
3. Оби чашма соф (мусаффо, зулол, шаффоф) мешавад.
   Оби ҷӯй **(чӣ хел?)** мешавад.

**Калимаҳо барои истифода:** равшан, талх, лойолуд.

**Машқи 172.** Ба саволҳо ҷавоб нависед. 1. Тиру камон дар кадом фасли сол бештар пайдо мешавад? 2. Дар он чӣ гуна рангҳо дида мешавад? 3. Номи рангҳои мушоҳидакардаатонро нависед.



# ДАРСИ 42.
## Иҷрои машқҳои 173–175

**Машқи 173.** Матнро хонед, калимаҳои ифодакунандаи аломати предметҳоро бо гузоштани саволҳо ба дафтар рӯбардор кунед.

### Шапалакҳо

Фасли баҳор буд. Офтоби дурахшон нур мепошид. Дар саҳро гулҳои рангоранг шукуфта буданд. Шапалакҳо аз гул ба гул парида менишастанд. Онҳо шираю шарбати ширини гулҳоро мемакиданд.

Рӯзе ба гули сафед — шапалаки сафед, ба гули зард — шапалаки зард ва ба гули сурх — шапалаки сурх шишта шира мехӯрданд. Ногоҳ фароштуруки калон парида омад. Вай шапалакҳои сафед, зардро дида натавонист, вале шапалаки сурхро ба зудӣ дида, онро дошта гирифт.

**Машқи 174.** Ба кадом савол ҷавоб шудани калимаҳои **хуб** ва **бад**ро гӯед. Сонӣ пас аз

ҳар як ибора, пеш аз аломати вергул **рафтори хуб** ва **рафтори бад, гуфтори хуб** ва **гуфтори бад**ро илова карда хонед. Гӯед, ки чӣ хубу чӣ бад будааст?

# ХУБ ва БАД

## Рафтори хуб

Пагоҳӣ аз хоб барвақт хестан, дасту рӯро бо собун шустан, дандонҳоро бо мисвок тоза кардан, сари вақт ба мактаб ҳозир шудан, пеш аз занг ва омӯзгор ба ҷои худ нишастан, дар иҷрои супориш ва машқу вазифаҳо ба шарикдарсон ёрӣ расонидан, либосу ашёҳои хонишро тоза нигоҳ доштан.

## Рафтори бад

Пагоҳӣ аз хоб дер хестан, дасту рӯро нашуста бо чашми хоболуд ба мактаб омадан, бо хиратабъӣ ва баҳонаҷӯӣ роҳи мактабро пеш гирифтан, ҳамчун хонандаи охирин пас аз омӯзгор ва шарикдарсон ба синф даромадан, бе тайёрӣ ва фаромӯши ашёҳои хониш ба дарс

омадан, ба тозагии либосу ашёҳои хониш беэътибор будан.

## Гуфтори хуб

Талаффузи бурро, овози форам, нутқи равон ва шунаво, фикри фаҳмо ва равшан, ростгӯӣ.

## Гуфтори бад

Талаффузи норавшан, овози нофорам, нутқи норавшану ношунаво, фикри нофаҳмову норавшан, дурӯғгӯӣ.

**Машқи 175.** Аз матни машқи 174 сето калимаи дилхоҳи ифодакунандаи аломати предметро интихоб карда, ҷумла тартиб диҳед.

# ДАРСИ 43.

## Иҷрои машқҳои 176–179

**Машқи 176.** Фаслу моҳҳои солро бо ном дар алоҳидагӣ нависед.

**Машқи 177.** Бо ҷобаҷогузории калимаҳо ба саволҳо ҷавоб нависед.

| | |
|---|---|
| хунук, гарм<br>Ҳаво (чӣ хел?)<br>мешавад?<br>серборish, камбориш | беғубор, соф<br>Осмон (чӣ хел?)<br>мешавад?<br>абрнок |
| | |
| хунук<br>Ҳарорати яхдон (чӣ<br>хел?) мешавад? | гарм<br>Бухор-печка (чӣ<br>хел?) мешавад? |
| | |

**Машқи 178.** Матнро хонед, калимаҳои ифодакунандаи аломатҳои предметро муайян намуда, ба дафтар рӯбардор кунед.

## Мӯрчаи сиёҳак

Дар канори қишлоқ мӯрчаҳои хурд, калон ва сиёҳу зард ҳамсоя буданд. Рӯзе як мӯрчаи хурдтарини сиёҳак донаи гандум ёфт. Вай зӯр зад, зӯр зад, аммо гандумро бардошта натавонист. Мӯрчаи сиёҳак ёронашро ба ёрӣ даъват накард. Вай мехост, ки худаш танҳо донаи гандумро ба хонааш бардошта

барад ва ҳама ба ӯ таҳсин гӯянд. Дар ин вақт як мӯрчаи калони зард омад ва донаи гандумро бардошта бурд. Мӯрчаи сиёҳак худ ба худ гуфт: — Афсӯс, ҷӯраҳоямро ба ёрӣ ҷеғ назадам!

**Машқи 179.** Бо калимаҳои дилхоҳи ифодакунандаи аломати предмет ҷумлаҳо тартиб диҳед.

## ДАРСИ 44.

### Калимаҳои ифодакунандаи адади предмет

Калимаҳои ифодакунандаи адади предметҳо ба саволҳои **чандто? чӣ қадар?** ҷавоб мешаванд.

**Машқи 180.** Аз як то даҳ шуморида, рақамҳоро бо ҳарф нависед.

**Машқи 181.** Ба ҷои нуқтаҳо ададҳои мувофиқро бо ҳарф навишта, ҷумлаҳоро дар шакли пурра ба дафтар нависед.

1. Дар парчами Ӯзбекистон ... -то ситора ҳаст. 2. ... сол аз ... - ... рӯз

иборат аст. 3. ... соат ... шабонарӯзро ташкил медиҳад. 4. ... рӯз ... ҳафта ба шумор меравад. 5. ... сол аз ... фасл ва ... моҳ иборат.

**Ададҳо барои истифода:** 12, 1, 365–366, 24, 7, 4, 12.

**Машқи 182.** Санаи рӯз, моҳ ва соли таҳсилро бо адад, баъд аз он бо ҳарф нависед.

## ДАРСИ 45.
## Иҷрои машқҳои 183–186

**Машқи 183.** Ба ҷои нуқтаҳо ададҳоро бо ҳарф навишта, номи предметҳоро ҳосил кунед.



... мағз

4



... шоха

1000



... по

**Машқи 184.** Шеърро равон ва бурро хонед. Калимаҳои ифодакунандаи адад ва аломатҳои предметро муайян кунед.

## Варзиши пагоҳӣ

Яку дую сею чор,
Дилҳои мо беқарор.
Ба варзиши навбатӣ
Саф бастаему тайёр.

Мо чолоку чаққонем,
Сӯи мактаб равонем.
Аз варзиши пагоҳӣ
Ҳаргиз ақиб намонем.

Барвақт хеста аз хоб,
Худро диҳем обу тоб!
Варзиши мо, баччаҳо,
Қувват диҳад беҳисоб.

*Алӣ Бобоҷон*

**Машқи 185.** Тезгӯякро бо як нафасгирӣ тез ва бурро талаффуз кунед.

Аз як дара себ омад, аз як дара сел.



**Машқи 186.** Шаклу навишти ададҳои поёниро ба хотир нигоҳ доред ва бо онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

1-ум, 3-юм, 5 дона, 6 нафар

## ДАРСИ 46.

## Иҷрои машқҳои 187–190

**Машқи 187.** Ба ҷои нуқтаҳо аз рӯи ном ададҳояшонро гузоред.

Баҳои аъло — ...
Баҳои хуб — ...
Баҳои қаноатбахш — ...
Баҳои ғайриқаноатбахш — ...



**Машқи 188.** Бо калимаву ададҳо ибораҳо тартиб диҳед.






**Машқи 189.** Шеърро равон ва бурро хонед. Калимаҳои ифодакунандаи ҳаракат, аломат, адади предметҳоро муайян кунед.

## Бозичаҳо

Ҳамроҳи худ, падарҷон,
Баред маро ба кӯча.
Гиред аз бароям
Бисёр, бисёр бозича:

Як сагчаву як шерча,
Як аспчаву як хирсча,
Бахмалпӯшак гурбача,
Рангин, нақшин тӯтича.

*Розия Озод*

**Машқи 190.** Номи рӯзҳои ҳафтаро ба дафтар нависед. Ададҳои дар таркибашон бударо муайян кунед.

## ДАРСИ 47.

## Иҷрои машқҳои 191–192

**Машқи 191.** Хонед ва ададҳои таркиби ҷумлаҳоро бо ҳарф нависед.

1. Тахтаи шатранҷ 64 катакча дорад.

2. Одамон дар дасту по 20-то ангушт доранд.

3. Дар қуттии гӯгирд 40 дона гӯгирд-дона мешавад.

4. Хона 4 кунҷ (гӯша) дорад.

5. Паррандагон 2-то бол, 2-то по ва 8-то панҷа доранд.

**Машқи 192.** Расму тасвирҳоро муқоиса намуда, 9-то фарқияташонро гӯед.



## ДАРСИ 48.

### Калимаҳои ифодакунандаи шахсҳо

**Ман, ту, вай, ӯ, мо, шумо, онҳо** калимаҳои ифодакунандаи шахсҳо мебошанд. Ба саволҳои **кӣ? киҳо?** ҷавоб мешаванд.

**Машқи 193.** Матнро хонед ва аз рӯи мазмуни он саволҳо тартиб диҳед. Калимаҳои ифодакунандаи шахсҳоро муайян кунед.

## Меҳмоннавозӣ

Ба хонаи мо ду нафар дӯстам омаданд. «Хуш омадед, нури дида тоҷи сар» гуфта онҳоро пешвоз гирифтам. Барояшон дастархон паҳн кардам. Ба рӯи дастархон нон, мавиз, мева ва маҳсулоти қаннодӣ гузоштам. Дӯстонам хурсанд шуданд. Пеш аз бозгашт бо хоҳиши дӯстон модаркалонам барояшон афсонаҳои «Кадуи ғелон», «Нахӯдак», «Харгӯши шердил»-ро гуфт.

**Машқи 194.** Бо калимаҳои ифодакунандаи шахсҳои ман, ту, вай, ӯ, мо, шумо, онҳо ҷумлаҳо тартиб диҳед.

## ДАРСИ 49.

### Иҷрои машқҳои 195–197

**Машқи 195.** Матнро хонед, калимаҳои бо ранги сиёҳ навишташударо бо калимаҳои ифодакунандаи шахсҳо иваз карда, ҷумлаҳои якум, сеюм ва охиринро ба дафтар рӯбардор кунед.

## Духтаракони лолачин

**Духтаракон** барои чидани лола ба кӯҳ баромада буданд. Бисёр роҳ гаштанд. **Шоира** дар пастхамӣ лолаҳои сурхро дида монд ва ба дугонаҳояш гуфт. Онҳо хурсанд гашта, ба лолачинӣ машғул шуданд. Ногоҳ дар осмон абри сиёҳ пайдо шуд. Шамоли сабук вазид. Борон борид. **Дугонаҳо** ба зудӣ роҳи деҳаро пеш гирифтанд.

**Машқи 196.** Матнро хонед, калимаҳои ифодакунандаи ном ва шахсҳоро муайян кунед. Аз рӯи мазмуни матн саволҳо тартиб диҳед.

## Ҳунарманд

Падари Сорбон ҳунарманд аст. Ӯ аз чӯб асбобҳои гуногуни рӯзгор, аз қабили тахтаи гӯштпоракунӣ, тахтаи маҳсулоти лахчаву угротайёркунӣ, қошуқ, обгардон, гуппичӯбро метарошад. Дару дарвоза ва тирезаҳои гуногуннақш месозад.

Сорбон баъд аз тамомшавии дарс ба назди падараш меояд. Ба корҳои ӯ

кӯмак мерасонад. Сорбон дар оянда мисли падараш ҳунарманд шудан мехоҳад.

**Машқи 197.** Бо калимаҳои ифодакунандаи шахсҳои мову шумо, моён, шумоён ҷумлаҳо тартиб диҳед.

## ДАРСИ 50.
## Иҷрои машқҳои 198–201

**Машқи 198.** Ба калимаҳои ифодакунандаи боигариҳои зеризаминӣ саволҳои мувофиқ гузоред.

Тилло, ангишт, нафт, газ, оҳак, бӯр.

**Машқи 199.** Шеърро хонед, калимаҳои ба саволи **чӣ хел?** ҷавобшавандаро муайян кунед.

### Ширинхӯрак

Модарҷонам, модарҷон,
Ман шудам дарди дандон,
Ба дарди ман гунаҳкор,
Наботи сахти бозор.
Модарҷонам, модарҷон,
Зӯр аст дарди дандон.

Тоқат надорам дигар,
Деҳ қанди мулоимтар!

*Турсунбой Адашбоев*

**Машқи 200.** Аз рӯи расм номи предметҳоро нависед ва аз чанд ҳарфу овоз иборат буданашонро гӯед.







**Машқи 201.** Дутои калимаҳои ифодакунандаи ном, аломат, ҳаракат ва ададин предметҳоро нависед.

# НУТҚ. ҶУМЛА

## ДАРСҲОИ 51—52.
## Нутқи даҳонӣ

**Машқи 202.** Матнро хонед ва фикратонро аз рӯи мазмуни он баён кунед.

## Бачаи баодоб

Мактаб тартиб ва қоидаҳои таълим-тарбияро дорад. Донишомӯзонро ахлоқан тарбия намуда, дониш меомӯзонад. Хонандае, ки ба тартиб ва қоидаҳои мактаб амал мекунад, бачаи баодоб ба шумор меравад. Бачаи баодоб асбобу анҷомҳои хониш, либоси худро тозаву озода нигоҳ медорад. Мунтазам ба дарсҳо иштирок мекунад. Аз ҳамаи фанҳо баҳои аъло мегирад. Бе иҷозати омӯзгор аз синф берун намебарояд. Ба хурду калон салом мегӯяд.

**Машқи 203.** Аз рӯи расм бо саволу ҷавоб фикратонро баён кунед.



**Машқи 204.** Аз «Китоби хониш» ҳикояи дилхоҳро хонед. Мазмунашро пеш аз саршавии дарс ба хонандагон баён кунед.

## ДАРСҲОИ 53—54.

## Иҷрои машқҳои 205–208

**Машқи 205.** Шеърро хонед, фикратонро аз рӯи мазмуни он баён кунед. Оё Шумо ҳам нияти мусаввир шуданро доред?

### Расм мекашам

Бо чашми рассомӣ кунам,
Бар олами зебо назар.
Созам ба нӯги мӯқалам,
Як олами нав ҷилвагар.

Андар биёбон мекашам,
Нав-нав дарахти сабзсар.
Бигзор гардад чӯли хушк,
Табдил ба боғи пурсамар.

*Рауф Толиб*

**Машқи 206.** Матнро хонед, тартиб ва қоидаи бозии **«Парид-парид»**-ро фаҳмонед. Доир ба бозиҳое, ки машғул мегардед, маълумот диҳед.

## Парид-парид

Бачагон дар лаби ҷӯй, болои майса давра нишастанд. Нодираи доно ва зирак сардор шуд.

— Мусича парид! — гуфт Нодира.

Ҳама дасти росташонро боло карданд.

— Сӯзанак парид!

Ҳама даст бардоштанд. Ҳамин тавр, «булбул парид», «майна парид» гуфта Нодира ба бачаҳо менигарад, ки ҳамаи онҳо даст боло мекунанд.

Баъд гуфт:

— Гӯсфанд парид

Касе даст набардошт. Боз:

— Лаклак парид! — гуфт, ки ҳама даст бардоштанд. Нодира чанд паррандаро тез-тез ном гирифта, «парид-парид» гӯён даст бардоштагон ё набардоштагонро назорат мекард, якбора:

— Гов парид! — гуфт. Насим дар ғафлат монда, даст бардошт. Нодира ва бозингарони дигар:

— Гов намепарад, — гӯён Насимро ба миёнаи давра даъват карданд. Насим

дар байн рост истода, мувофиқи шарти бозӣ омодаи рақс шуд.

Бачаҳо сароиданд. Насим ба рақс даромад.

**Машқи 207.** Суханони пандомӯзро хонед ва фикратонро аз рӯи мазмуни онҳо баён кунед.

Меҳнат фаровон мекунад,
Танбалӣ вайрон мекунад.

Ҳурмати худ — ба дасти худ.

**Машқи 208.** Пеш аз саршавии дарс оид ба мавзӯи **«Паррандагон — дӯсти мо»** фикратонро баён кунед. Барои ин дар хона тайёрӣ бинед.

## ДАРСҲОИ 55–56.
## Нутқи хаттӣ

**Машқи 209.** Матнро хонед, номи растании аҷоиби пирамард гуфтагиро муайян кунед. Сонӣ номи растаниҳоеро, ки дар диёратон месабзанд, ба дафтар нависед.

## Растании аҷоиб

Ман дар вақти бозгашт аз сайри кӯҳ растании гулҳояш зарди ғуҷум-ғуҷуми бӯи латиф дошта оварда истода будам. Пирамарде ин растаниро дар дасти ман дида, пурсид:

— Ин чӣ, писарам?

— Растанӣ, — ҷавоб додам ман.

— Номаш чӣ?

Ман ба ин савол ҷавоб дода натавонистам, зеро чӣ ном доштани онро ба ман ҳеҷ кас нагуфта буд.

— Ин растаниро **«Бӯи модарон»** меноманд, — гуфт пирамард.

Дар гузашта дар ҷойҳои мо, дар кӯҳистон духтур набуд. Мо худамонро бо ҳар гуна растаниҳо муолиҷа мекардем. Гули **«Бӯи модарон»** ба бисёр дардҳо даво мебошад. Пирамард гуфт, ки агар ин растаниро дар об ҷӯшонем, аз чойи кабуд фарқ намекунад, ҳамин тавр бомаза ва хушбӯй аст. (Аз «Муғча»)

**Машқи 210.** Бо интихоби мавзӯи **«Ман кӯмакрасони корҳои модарам»** фикратонро хаттӣ баён кунед.

## ДАРСҲОИ 57–58.
## Иҷрои машқҳои 211–213

**Машқи 211.** Дар катакчаҳои холӣ ҳарфҳои даркориро гузоред, он вақт номи паррандагонро мехонед. Номҳояшонро ба дафтар нависед.

Кроссворд








**Машқи 212.** Матнро хонед, тартибу қоидаашро фаҳмонед. Бозии дӯстдоштаатонро муфассал нависед.

### Бойчечакбозӣ

Имрӯз офтоби баҳорӣ бачагонро ба бозиҷой барвақт овард. Қариб бист на-

фар ғун шуданд. Ҳама қарор доданд, ки бойчечакбозӣ кунанд. Наргису Лоларо сардор хостанд. Ду сардор дар ду сӯи бозиҷой истода баробар:

— Ёр, ёри ман кӣ?! — гуфтанд.

Қисме аз бачаҳо ба сӯи Наргис давиданд, қисми дигар ба тарафи Лола. Ҳамин тариқ, ду гурӯҳ шуданд. Наргису Лола сангча руст карданд.

Навбати аввал насиби гурӯҳи Лола шуд.

Ёрони Наргис ба канори бозиҷой рафтанду паҳлӯи ҳамдигар, ҳар кадоме дар дурии се-чор қадам дар «хонаҳояшон» (шартӣ) нишастанд.

Лола бо дастаи «бойчечак» (шартӣ) дар пеши сафи ёронаш истод. Дигарон ҳам ба даст яктоӣ «бойчечак» гирифтанд. Бо ишораи Лола ба гуфтани суруди «Бойчечак» шурӯъ карданд.

**Машқи 213.** Афсонаҳои аз модар ва модаркалон шунидаатонро мазмунан мухтасар нависед.

# ДАРСҲОИ 59–60.
## Ҷумла

**Машқи 214.** Бо навиштани ҷумлаҳо ҷавоби саволҳоро муайян кунед.

калон, васеъ
Дарё **(чӣ хел?)** мешавад?
чуқур

хурд, танг
Ҷӯй **(чӣ хел?)** мешавад?
паст



**Машқи 215.** Бо тартиб додани ҷумлаҳо аз рӯи мазмуни расм фикратонро баён кунед.



**Машқи 216.** Ҷумлаҳои дилхоҳ тартиб диҳед.

Н а м у н а: 1. Офтоб баромад.
2. Модарам нон пухт.
3. Дониш чароғи ақл аст.

**Машқи 217.** Шеърро равон ва бурро хонед. Баъд аз он ба ҷумлаҳо ҷудо кунед.

## Офтоб

Офтоб баро ба рӯям,
Нуқрапӯпак ба мӯям,
Ҳалқаи зар ба гӯшам,
Чойнаки чой ба пешам,
Рехта диҳам ба хешам,
Ба хешаки хушрӯям,
Хушрӯи қиссагӯям.

*Шеъри халқӣ*

**Машқи 218.** Бо ҷобаҷогузории ҳарф дар катакчаҳои холӣ ҷумлаи **«Наврӯз оғози рӯзи нав аст»**-ро нависед.








## ДАРСҲОИ 61–62.
## Иҷрои машқҳои 219–220

**Машқи 219.** Хонед ва ба саволҳо ҷавоб нависед.

Ба замин чӣ нур мепошад?



Хазандаи заҳрзананда чӣ ном дорад?



Ҷонвари дар пушт хордор чӣ ном дорад?



Ҷонвари дар об шинокунанда чӣ ном дорад?






Ҳашароте, ки дар зери замин, дарахтон ва дигар маҳал умр мегузаронад, чӣ ном дорад?

Ҳашароти нешаш заҳрдор чӣ ном дорад?

Намуна: Ҷонвари дар пушт хордор хорпушт ном дорад.

**Машқи 220.** Ҷумлаҳоро ба дафтар нависед ва ба зери садоҳои ҳайвонҳо хат кашед.

1. Саг аккос мезанад. 2. Гурба миявмияв мегӯяд. 3. Модагов баъос мезанад. 4. Хар ҳангос мезанад. 5. Барра «ба-ба» мегӯяд.

## ДАРСҲОИ 63–64.

## Иҷрои машқҳои 221–224

**Машқи 221.** Зарбулмасалҳоро хонед ва мазмунашро бо навиштани ҷумлаҳо баён кунед.

1. Китоб сарчашмаи дониш аст.
2. Нон аз калон, об — аз хурд.
3. Забони хуш — посбони сар.
4. Илм равшанӣ аст, нодонӣ — торикӣ.

**Машқи 222.** Аз рӯи расм ба ҷои нуқтаҳо номашонро навишта, ҷумлаҳо тартиб диҳед.



....... хониш мекунад



..... баромад



... пухт

**Машқи 223.** Матнро хонед ва аз чанд ҷумла иборат буданашро гӯед. Аз рӯи мазмуни он саволҳо тартиб диҳед.

## Ташаккур, Саидҷон!

Саидҷон бегоҳӣ аз мактаб меомад. Ногоҳ ӯ ба чизе пешпо хӯрд. Ба замин нигоҳ карду чашмонаш калон-калон кушода шуда монд. Дар роҳ ҳамёни касе афтода мондааст. Саидҷон ҳамёнро зуд гирифта, аз назар гузаронид. Дар он пул, шиноснома, гувоҳномаи ҳарбӣ ва

боз чанд ҳуҷҷатҳои дигар буданд. Ӯ шиносномаро кушода, ба сурат зеҳн монд. Муроди Ализода, охир, ин муаллими худам-ку!

Саидҷон давон-давон ба хонаи Вализода рафт.

— Муаллим, магар ин ҳамёни шумо нест? — гуфт.

Муроди Вализода, ки дар кучо афтидани ҳамёнашро намедонист ва ҳоло хафа менишаст, аз ёфт шудани он хеле шод шуд.

— Ташаккур, Саидҷон! — гуфт ӯ. — Намедонистам, ки чӣ кор кунам. Маро хеле хурсанд кардӣ, писарам. *(Б. Умаров)*

**Машқи 224.** Панҷто ҷумла нависед.

## ДАРСИ 65.
## Иҷрои машқҳои 225–229

**Машқи 225.** Бо калимаҳои поёнӣ ҷумлаҳо тартиб диҳед.

Алла, ғалла, калла, пилла, малла.

Намуна: Аз пилла матоъҳои навъа-шон олӣ тайёр карда мешавад.

**Машқи 226.** Аз рӯи расму тасвир ҷумлаҳо тартиб диҳед.



**Машқи 227.** Матнро хонед, аз чанд ҷумла иборат буданашро гӯед. Баъд аз он саволҳо тартиб диҳед.

## Раъно

Раънои хурдакак ба дарди чашм тоқат карда натавониста, мегиристу халос. Вақте ки модараш ӯро ба духтур бурданӣ мешуд, Раъно тарсида:

— Не, духтур укол мекунад, — мегуфт.

Рӯзе аз мағоза омада истода модараш Раъноро ба хонае даровард. Онҳоро зани хандонрӯе, ки дар тан либоси сап-сафед пӯшида буд, пешвоз гирифт.

— Биё, духтарчаи нағз, — гӯён ӯ Раъноро бардошта ба курсӣ шинонду ба чашмонаш ду чакра об чакконд.

Чашмони Раъно дуруст шуда рафтанд.

Боре як чашми лӯхтакчаи Раъно афтид. Раъно тозон ба пеши модаркалон омада гуфт:

— Бибиҷон, биёед зочаамро ба духтур барем, чашми вай ҳам дуруст шавад. *(М. Қозиҷонов)*

**Машқи 228.** Зарбулмасалҳоро хонед ва мазмунашро баён кунед.

1. Салом аз хурду калом аз калон.
2. Худписанд писанди халқ набошад.

**Машқи 229.** Ҷумлаҳои дукалимагӣ тартиб диҳед.

# ДАРСҲОИ 66–67.

## Иҷрои машқҳои 230–235



**Машқи 230.** Бо ҳарфҳои даркорӣ катакчаҳои холиро пур карда, номи предметҳоро муайян кунед.

Кроссворд




**Машқи 231.** Садоноки **э**-ро дар аввали калимаҳо кор фармуда, номи одамонро нависед.

**Машқи 232.** Муайян кунед ва гӯед, ки маънои калимаҳо бо иваз шудани кадом ҳарфу овозҳо ба вуҷуд омадааст?

Бар — бор — бӯр — бур, тор — тар — тир, гул — гӯл, дониш — хониш, мӯй — рӯй.

**Машқи 233.** Матнро хонед, калимаҳои ифодакунандаи ҳаракати предметҳоро муайян намуда, ба дафтар рӯбардор кунед.

## Саги чашмгурусна

Саге дар пеши дӯкони қассоб устухоне ёфту саросема ба даҳонаш гирифта, гурехта рафт.

Якчанд саги дигар дида, аз пасаш давиданд. Саг бо тамоми қувваташ худро ба тарафи дарё заду аз кӯпрук гузашта истода, назараш ба об афтида монд. Дид, ки як саги дигар як устухони калонро ба даҳан гирифта, баробари ӯ медавад. Ин акси худи вай буд.

«Оҳо, устухони вай аз устухони ман калонтар-ку!» — аз дил гузаронд саг ва устухонашро партофта, худро ба об андохт. Устухон ҳам ҳамроҳи ӯ ба об рафт.

Об тез буд, саги чашмгурусна бо сад азоб шино карда фаҳмид, ки «аз ин

мондаву аз он ронда шудааст». (Афсонаи халқӣ)

**Машқи 234.** Панҷтоӣ калимаи дар таркиб ҳамсадои **ъ** (айн) ва шадда доштаро нависед.

**Машқи 235.** Калимаҳои зеринро ба дафтар хушхат нависед.

Хурсанд, тануманд, чобук, мададрасон.

## ДАРСИ 68.

## Такрори мавзӯъҳо

# ЛУҒАТИ КАЛИМАҲОИ ДУШВОРФАҲМ

## А

**Айём** — замон, вақт, фасл

**Анъана** — расму оин

## Б

**Базм** — зиёфат, тӯй

**Бақо** — абадият, ҷовидӣ, бардавомӣ

**Бемор** — касал, мариз

## В

**Вафо** — ба ҷо овардани ваъда, садоқат

**Воқиф** — огоҳ, бохабар, ҳолдон

**Ваҳдат** — ягонагӣ, муттаҳидӣ

## Г

**Ганҷина** — кони чизҳои қимматбаҳо

**Густурдан** — паҳн кардан

## Ғ

**Ғазалсаро** — ғазалхон

**Ғамзидо** — хурсандибахш

## Д

**Дашт** — саҳро, биёбон

**Даъват** — ҷеғ задан, таклиф намудан

**Дурахшон** — тобон, равшан

## З

**Зулол** — соф

**Завқ** — лаззат, маза

**Зебанда** — шинам, сазовор

## И

**Интизом** — тартиб, ботартибӣ

**Иқлим** — кишвар, вилоят

## К

**Калом** — сухан, гап, гуфтор

**Кулол** — кӯзасоз, косасоз

**Кӯшидан** — кӯшиш кардан, ҷаҳд кардан

## Қ

**Қобил** — қабулкунанда

## Л

**Лоиқ** — шоиста, сазовор

## М

**Маврид** — ҳангом, мавқеъ

**Манзил** — истгоҳ, ҷои зист

**Маскан** — ҷои истиқомат

**Машъал (машъала)** — чӯби сараш аз латтаҳои равғанолуд иборат, ки баробари афрӯхтан равшанӣ мебахшад

## Н

**Нафъ** — фоида, манфиат

**Нишот** — шодӣ, хурсандӣ, шодмонӣ, хуррамӣ

## П

**Пайкар** — тан, бадан

## С

**Савт** — садо, овоз

**Сатр** — як хат, як хати навишташуда

**Сармо** — хунукӣ, сардӣ

**Саҳл** — осон, ночиз

**Соф** — пок, покиза

**Сулҳ** — оштӣ

**Суръат** — тезӣ, тезии ҳаракат ва фаъолият

## Т

**Тараннум** — замзама кардан, хондан, сурудхонӣ

**Тароват** — тарию тозагӣ, шодобӣ, ҳусн

**Таҳсин** — таъриф, офарингӯӣ

**Таъзим** — иззат кардан, ҳурмат кардан

## Ф

**Фаровон** — бисёр, зиёд

**Фаррош** — хизматгор, рӯбучинкунанда

## Х

**Хуррам** — шод, хурсанд, шодмон, хуш

**Хиёбон** — кӯча, роҳи кушод ва ҳамвор

**Ҳофиз** — сароянда

## Ч

**Чолок** — чаққон

## Ҷ

**Ҷонфидо** — ҷон бахшидан

**Ҷавҳар** — моҳият

## Ш

**Шатранҷ** — шоҳмот, шахмат

**Шаффоф** — соф, зулол, беғубор

**Шаҳд** — асал, ангубин

**Ширкат** — иштирок кардан, шарик будан

## Э

**Эҳсос** — ҳис кардан

**Эҳтиром** — ҳурмат, иззату икром

**Эъзоз** — ҳурмат, иззат

# МУНДАРИЧА

## Корбасти овоз ва ҳарф дар калимаҳо

Дарси 1. Талаффузи овоз ва ҳарфҳо .......... 3
Дарси 2. Ҷобаҷогузории ҳарфҳо .................. 4
Дарси 3. Иҷрои машқҳои 7–10 .................. 5
Дарси 4. Дарёфти овозҳои мувофиқ ............ 7
Дарси 5. Иҷрои машқҳои 15–19 .................. 9
Дарси 6. Иҷрои машқҳои 20–22 ................ 11
Дарси 7. Афзоиш ва ихтисоршавии ҳарфу овозҳо ................................ 12
Дарси 8. Иҷрои машқҳои 28–32 ................ 13
Дарси 9. Иҷрои машқҳои 33–37 ................ 16
Дарси 10. Алифбо дар рақамҳо................. 17
Дарси 11. Иҷрои машқҳои 43–45 .............. 20
Дарси 12. Иҷрои машқҳои 46–49 .............. 21
Дарси 13. Табдилшавии ҳарфу овозҳо ........................................... 23
Дарси 14. Иҷрои машқҳои 53–55 .............. 24
Дарси 15. Ҳарф ва овозҳои садонок ......... 25
Дарси 16. Иҷрои машқҳои 61–65 .............. 26
Дарси 17. Иҷрои машқҳои 66–70 .............. 28
Дарси 18. Ҳарф ва овозҳои ҳамсадо ......... 29
Дарси 19. Иҷрои машқҳои 76–79 .............. 31

Дарси 20. Иҷрои машқҳои 80–84 ............ 33
Дарси 21. Иҷрои машқҳои 85–89 ............... 35
Дарси 22. Ҳиҷо ............................................ 36
Дарси 23. Иҷрои машқҳои 94–97 ............... 38
Дарси 24. Иҷрои машқҳои 98–101 ............. 39
Дарси 25. Иҷрои машқҳои 102–107 ........... 41

## Корбасти калимаҳо дар нутқ

Дарси 26. Калима ...................................... 43
Дарси 27. Иҷрои машқҳои 113–117 ........... 45
Дарси 28. Номи одамон ва шахсҳо ........... 47
Дарси 29. Иҷрои машқҳои 122–125 ........... 49
Дарси 30. Номи кишвару масканҳо ............ 51
Дарси 31. Номи ҳайвонҳо ........................... 52
Дарси 32. Иҷрои машқҳои 133–136 ........... 54
Дарси 33. Иҷрои машқҳои 137–141 ........... 56
Дарси 34. Калимаҳои ифодакунандаи ҳаракати предмет ........................ 58
Дарси 35. Иҷрои машқҳои 148–152 ........... 62
Дарсҳои 36–37. Иҷрои машқҳои 153–157 ... 64
Дарси 38. Иҷрои машқҳои 158–161 ........... 67
Дарси 39. Калимаҳои ифодакунандаи аломати предмет ......................... 69
Дарси 40. Иҷрои машқҳои 165–168 ........... 70
Дарси 41. Иҷрои машқҳои 169–172 ........... 72
Дарси 42. Иҷрои машқҳои 173–175 ........... 74
Дарси 43. Иҷрои машқҳои 176–179 ........... 76

Дарси 44. Калимаҳои ифодакунандаи адади предмет ................................ 78
Дарси 45. Иҷрои машқҳои 183–186 ........... 79
Дарси 46. Иҷрои машқҳои 187–190 ........... 81
Дарси 47. Иҷрои машқҳои 191–192 ........... 82
Дарси 48. Калимаҳои ифодакунандаи шахсҳо ........................................ 83
Дарси 49. Иҷрои машқҳои 195–197 ........... 84
Дарси 50. Иҷрои машқҳои 198–201 ........... 86

## Нутқ. Ҷумла

Дарсҳои 51–52. Нутқи даҳонӣ ..................... 87
Дарсҳои 53–54. Иҷрои машқҳои 205–208 .............................. 89
Дарсҳои 55–56. Нутқи хаттӣ ....................... 91
Дарсҳои 57–58. Иҷрои машқҳои 211–213 .. 93
Дарсҳои 59–60. Ҷумла ................................ 95
Дарсҳои 61–62. Иҷрои машқҳои 219–220 .. 97
Дарсҳои 63–64. Иҷрои машқҳои 221–224 .. 98
Дарси 65. Иҷрои машқҳои 225–229 ......... 100
Дарсҳои 66–67. Иҷрои машқҳои 230–235 ............................................ 103
Дарси 68. Такрори мавзӯъҳо ..................... 105
Луғати калимаҳои душворфаҳм................. 106

**Choriyev, Tavakkal.**

Ч-78 Забони модарӣ: Китоби дарсӣ барои донишомӯзони синфҳои 1-уми мактабҳои миёнаи таълими умумӣ. (Т. Чориев. Нашри сеюм). — Т.: ХЭТН «O'zbekiston», 2013. — 112 саҳ.

ISBN 978-9943-01-062-8

**УЎК: 811.222.8(075)**
**372.881.1(075)**
**КБК 81.Тож-9**

*O'quv nashri*

TAVAKKAL CHORIYEV

**ONA TILI**

(uchinchi nashri)

Ta'lim tojik tilida olib boriladigan umumiy
o'rta ta'lim maktablarining 1-sinf uchun darslik

Муҳаррир *Э. Турдикулов*
Муҳаррири техникӣ *Т. Харитонова*
Муҳаррири бадеӣ *К. Закирова*
Мусаввирон: *Р. Эгамбердиев, И. Холхӯҷаев*
Саҳифабанди компютерӣ *Ф. Тугушева*

Литсензияи нашриёт А I № 158, 14.08.09.
Ба чопаш 16 марти соли 2013 иҷозат дода шуд. Андозаи $70\times90^{1}/_{16}$.
Бо усули офсет дар коғази офсет чоп шудааст.
Гарнитураи «PragmaticTAD». Кегли 18, 16.
Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 8,60. Ҷузъи чопии шартӣ 8,19.
Адади нашр 6964 нусха. Супориши № 13-145.

Дар Хонаи эҷодии табъу нашри «O'zbekiston»-и Оҷонсии матбуот
ва иттилооти Республикаи Ӯзбекистон чоп шудааст.
100129, Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30.

Телефон: (371) 244-87-55, 244-87-20
Факс: (371) 244-37-81, 244-38-10.
*e-mail: uzbekistan@iptd-uzbekistan.uz.*
*www.iptd-uzbekistan. uz*